**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо истифодаи воситаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян мекунад. Дар раванди ташаккул ва амалигардии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имкониятҳои сиёсати ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ буда, тавассути воситаҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқӣ, сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии экологӣ ва намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ бо он фарқ мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на бо амалисозӣ, татбиқ ё тафсири ҳуқуқ, балки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, самти мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, аз тарафи дигар, падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад.

Аз таҳқиқоти пурра ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқӣ-илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ буда, солҳои охир бо дарназардошти вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ихтилофоти ҳуқуқӣ дар натиҷаи қабули миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад.

Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти илмии назариявӣ-методологии диссертатсионии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Навгонии илмии диссертатсия бо натиҷаҳои умумии илмии он муайян карда мешавад:

– таҷрибаи миллии ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда мешавад;

– мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ ва таҷрибаи сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

– шароити таърихии Тоҷикистон, маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ, ки ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд, муайян гардида, ҳаматарафа таҳлил карда мешаванд;

– таъсири анъанаҳои фарҳанги миллӣ ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

– хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон, ки бо таҷрибаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла бо тафовути доираи субъектони босалоҳияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва доираи васеи иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад, муайян карда мешаванд;

- хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон, ки бо дарназардошти нақши ҳалкунандаи фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, таҷрибаи ватании ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул мeёбад, муайян карда мешаванд;

– дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ, зеҳни сунъӣ, ки дар паёмҳо, баромадҳо, суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлати Тоҷикистон баён гардиданд, муайян карда мешаванд;

– нақши бунёдии паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулу амалишавии самараноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон собит мегардад.

Сафарбекзода Ҳ.С. дар раванди тадқиқоти илмӣ як қатор нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро оид ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ватанӣ муҳим мебошанд. Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки тадқиқотчӣ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст.

Автореферати диссертатсияи Сафарбекзода Ҳ.С. таҳқиқоти мустақилонаи эҷодии илмии проблемаи мубрам: «Сиёсати

ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия», бахшида шудааст.

Сохтори диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, мукаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. ки он ифодакунандаи мақсад ва вазифаҳои таҳқикотро муайян мекунад.

Новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масоиле ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии амиқи илмиро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Дар банди 3 автореферати диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки пазируфтани ақидаи тафовути «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ» ба дарки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки ташаккули ҳуқуқ ҷузъи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқ ташаккул меёбад.

2. Дар банди 7 автореферати диссертатсия таснифи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на бо дарназардошти салоҳияти ҳокимиятӣ, балки имкониятҳо, захираҳо, шаклҳо, роҳҳои иштирок дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад. Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқэҷодкунӣ салоҳияти ҳокимиятӣ доранд.

Мулоҳизаи мазкур хусусияти тавсиявиро доро буда, мазмун, мақсад ва моҳияти таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия», қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шокиров Ғ.А.

Имзои Шокиров Ғ.А. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А.Х.

«30» 04 2025 ....................

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС